Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-016
дар назди Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати Мирзоев Сухбатулло Авгонович дар мавзӯи “Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод шудааст.

Дар шароити имрӯза зарурати воқеии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳои деҳот ба миён омадааст. Он бахри ташаккули механизмҳои идора ба рушди устувор равишҳои навро талаб мекунад. Таносуби майдони маҳалҳои деҳот ва шаҳр, дар шароити иҷтимоию- иқтисоди инноватсионии мамлакат, бахри баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар кишвар аҳамияти махсуси деҳотро нишон медиҳад.

Қисми зиёди масъалаҳои рушди устувори ҳудудҳои деҳот то имрӯз ба андозаи зарурӣ таҳия нагардидаанд. Тағйироти дар шароити иҷтимоию иқтисодии дар худудҳои деҳот баамаломада ва фаъолияти механизми рушди устувори онҳо мушкилоти дигарро ба миён меоранд, ки асосноккунии ташкилию иқтисодиро металабанд, ки ҳамаи ин зарурати гузарондани таҳқиқоти мазкури илмиро ба миён овардааст. Зарурати таҳияи механизмҳои рушди устувори ҳудудҳои деҳот аз таваҷҷуҳи торафт афзояндаи давлат ба мушкилоти ҳудудҳои деҳот дар он аст, ки бе рушди корхонаҳои деҳотии сектори аграрии иқтисодӣ баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии он имконнопазир аст, ҳамчунин бо сабаби самтгароии механизмҳои мавҷудае, ки махсусияти деҳотро ба ҳисоб намегиранд, вобастагии зич дорад.

Ба андешаи муаллиф, рушди устувори ҳудудҳои деҳот, рушди босуботи хоҷагии деҳот, ки рушди босамари иқтисоди деҳотро инъикос менамояд, ин баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии деҳот, нигаҳдории низоми табиию экологии таъминоти зиндагиро иҷро мекунад, фаҳмида мешавад.

Бо автореферати омодашудаи унвонҷӯй шинос гардида, ба хулоса омадан мумкин аст, ки кори диссертатсионӣ дар сатҳи баланд иҷро карда шудааст ва он натиҷаи меҳнати ба анҷом расонидашуда маҳсуб меёбад. Дар баробари ин, доир ба автореферат якчанд эродҳо дида мешаванд, ки онҳо метавонанд бар манфиати кор бошанд:

1. Дар саҳифаи 3 -и автореферат ному насаби олимони тоҷик оварда шудааст, аммо ақидаи онҳо оид ба мавзӯи таҳқиқот дар автореферат дида намешавад;

2. Дар хулоса дисертант нақшаи маблағгузории рушди ҳудудҳои деҳотро пешниҳод намудааст, аммо ба пуррагӣ шарҳ дода нашудааст;

Ҳамзамон, дар баъзе аз саҳифаҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чаш мерасанд, тавсия дода мешавад, ки нақша, расм ва ҷадвал тартиби рақамгузорӣ, нишондиҳандаҳо ва ҷойгиршавии онҳо дар дохили матн таҷдиди назар карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, камбудиҳои ишорашуда характери тавсиявӣ дошта ба аҳамияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд. Фишурдаи рисола бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст. Хулосаи мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири фишурдаи рисола оварда шудаанд, тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, моҳияти илмии кори мазкурро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Дар маҷмӯъ, кори мазкур асари муккамали илмию таҳқиқоти буда, хулосаҳои мусбати зикршуда дар автореферати Мирзоев Суҳбатулло Авғонович дар мавзӯи «Ташаккули механизми рушди ҳудудҳои деҳот дар доираи сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», комилан ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифаш шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04.02 Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи иқтисоди**
**корхонаҳо ва соҳибкорӣ ДДК**
**ба номи А.Рӯдакӣ** **Расулова Л.Н.**

**735360, Тоҷикистон, вилояти Хатлон,**
**ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16**
**Тел: (+992) 987 22 11 88**

**Имзои «н.и.и., Расулова Л.Н.»-ро**
**тасдиқ мекунам**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва КМ** **Амиров Ф.**